Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи «Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ (Душанбе, 2024)

Дар ҷомеаи муосир баробари рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат баъзан муаммоҳое пеши роҳ сар мезанад, ки он мушкилоти инсонияти кураи арз аст ва баъзе ҷавонони кишвар ҷиҳати камсаводиву бехабарӣ аз набзи сайёра ба он гирифтор мешаванд. Аз ҷумла, реша паҳн намудани ифротгароии динӣ, шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ ва террористӣ, ки ҳукумату давлат, қишри масъулиятшинос ва дилсӯзи ҷомеа зидди он мубориза беамон мебаранд, аз масъалаҳои муҳим ва ҳатто дарди ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад.

Истифодаи истилоҳи «Ифротагароии динӣ», ё ки ба ин ё он дин мансуб донистани ин зухурот, сабаби пайдоиши норозигӣ ва тундравӣ шуданаш мумкин аст. Ислом ё дигар динро манбаи ифротгароӣ эътироф кардан аслан хатост. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ин мавзуъ таъкид медоранд, ки : “Дини мубини Ислом чун ҳама динҳои дигар инсониятро ба таҳаммул, тараҳҳум ва тавозӯъ ҳидоят намуда, ҳар гуна зӯроварӣ ва кушторро маҳкум месозад. Бинобар ин терроризм ва ифротгароиро бо ислом пайванд додан хатои маҳз аст. Терроризм ба ягон дин, мазҳаб ё миллат хос нест”.

Дар шароити имрӯза шаклҳои гуногуни ифротгароиро ҷудо менамоянд, ки яке аз онҳо ифротгароии динӣ мебошад. Ифротгароии динӣ яке аз шаклҳои ифротгароӣ аст, ки дар асоси ғояҳо ва таълимотҳо, арзишҳо ва меъёрҳои қолабӣ пайдо гардида, бо шиорҳои “динӣ” зуҳур менамояд. Ба ин ҷанбаҳо пайравӣ намуда, дар шакли ниҳоии бунёдии динӣ ифротгароии диниро тавлид менамояд. Ифротгароии динӣ ҳамчун пайравӣ ба ақида ва амалҳои ниҳоӣ дар кӯшиши тағйирдиҳии ҷаҳони беруна мувофиқи ақида ва арзишҳои муайяни динӣ тасниф карда мешавад.

Густариши ифротгароии динӣ ва ҳаракату созмонҳои хусусияти ифротгароидошта мавқеи динҳои расмӣ ва анъанавиро танг намуда, дар натиҷа ҷомеа ва давлатҳоро ба ташвиш оварда истодааст. Ҷавонони зиёди ноогоҳ ва дур аз таълим ба ғояҳои ифротии созмону ташкилотҳои радикалӣ шомил гардида, ин созмонҳо онҳоро чун силоҳ барои динҳои анъанавӣ ва расмӣ истифода мебаранд.

Дар кори диссертатсионии Муллоботур Муллобаҳодур сабабҳои пайдоиш ва паҳншавии ифротгароии динӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифта, омилҳои асосии пайдоиш ва роҳҳои пешгирии он мушикофона таҳқиқ шудааст. Муаллиф омилҳои асосии пайдоиши ифротгароии диниро омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ғоявӣ, сиёсӣ, динӣ ва психологӣ медонад.

Бино ба андешаи муҳаққиқ ифротгароии динӣ натиҷаи бархӯрди анъанагароён ва модернистон мебошад. Дар автореферати диссертатсия зикр мегардад, ки зуҳуроти ифротгароӣ, зӯриву зӯроварӣ, ки дар фазои ғоявию арзишии низомҳои пешинаи ҷамъиятӣ ҳукми қонунӣ доштанд, дахл дорад. Ҷомеаи анъанавӣ ба хотири нигоҳ доштани асосҳои ғоявию динии мавҷудияти худ маҷбур аст, ки бо чунин падидаҳои номатлуб ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ мубориза беамон барад.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши баланди илмӣ дошта, паҳлуҳои гуногуни ифротгароии динӣ ва хусусиятҳои асосии онро инъикос менамояд.

Автореферат муҳиммияти мавзуи таҳқиқот, сатҳи омӯзиш, ҳадаф, вазифа, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, ҷиҳатҳои амалии таҳқиқот, навгониҳои таҳқиқот ва нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро фаро мегирад. Илова бар ин, дар автореферат дар бораи ҳар як боб ва зербобҳо маълумоти мухтасар оварда шудааст, ки моҳияти диссертатсияро ин фишурда инъикос менамояд.

Кори илмии муаллиф аз муқаддима ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад, ки ҳардуи боб ба зербобҳои алоҳида ҷудо шудааст, ки пайдарҳамии масъалаи мазкур хеле хуб риоя гардида, диссертант ба ҳадафи гузошташуда расидааст.

Мақолаҳои илмии дар маҷаллаи тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасидаи Муллоботур Муллобаҳодур мазмуни пурраи кори илмиро инъикос менамояд.

Новобаста аз муваффақиятҳо дар автореферат баъзан камбудиҳои ҷузъӣ ба мушоҳида мерасад. Чунончи:

1. Автореферат ба забони хуби илмӣ омода гардидааст, аммо дар баъзан ҳолат хатогиҳои имлоиву услубӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасад. (Масалан, саҳ.10, 25);

2. Ҳаҷми умумии автореферат ба талаботҳои асосии таҳияи автореферат мувофиқат менамояд. Аммо мувофиқи мақсад мебуд, ки маълумоти васеътар дар бораи бобҳои диссертатсия оварда шавад.

Нуқсонҳои мавҷуда ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия таъсир расонида наметавонанд, зеро натиҷаҳои кори илмӣ заминаҳои назариявӣ ва амалӣ дошта, аҳамияти муҳими фалсафӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро соҳиб мебошад. Аз рӯи мазмун ва мундариҷа таҳқиқоти илмӣ кори илмии баанҷомрасида маҳсуб ёфта, дар назария ва амалияи илми фалсафа ҳиссаи худро гузошта метавонад.

Бо назардошти нукоти зикршуда диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи «Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ)»-ро кори илмии баанҷомрасида ва ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба навиштани рисолаҳои номзадӣ аз руйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ ҳисобида, манзури онро барои дифоъ мувофиқи мақсад меҳисобам.

Номзади илмҳои фалсафа, дотсент,
сардори маркази иттилоот ва таҳлили
раёсати МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Ҳодибоев Ф.А.

Имзои Ф.А.Ҳодибоевро тасдиқ менамоям.

Сардори РК ва КМ МДТ-и «ДДХ ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров» Наврӯзов Э.М.

21.02.2024

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбекова 1.
Телефон: (+992 92-888-46-05), факс: (992-3422) 6-75-18
www.hgu.tj, e-mail: Faridun84.84@mail.ru